**СУРАТМАҶЛИСИ № 18.2.**
**маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-012**
**назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

13 январи соли 2024 ш. Душанбе

Ҳайати шуро бо шумораи 15 нафар тибқи фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, № 12/шд тасдиқ гардидааст.

Дар асоси варақаи ҳузури аъзои шуро, дар ҷаласа 12 нафар аъзо иштирок доштанд, ҳамаи онҳо доктори илм, аз он ҷумла 4 нафар мутахассис аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда.

**ШУНИДА ШУД**: Ҳимояи диссертатсияи Шарифова Дилором Мустафоқуловна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.01 - Савдо, хизматрасонии тиҷоратӣ ва маишӣ).

**Мавзӯи диссертатсия:** «Такмили низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)».

Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёти Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Раҷабов Раҷаб Кӯчакович – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

- Ҷумъаев Баҳовиддин Маҳмадназарович – д.и.и., дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

- Аҳмадов Раҳимҷон Раҷабович – н.и.и., дотсенти кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

Ба автореферати диссертатсия 5 тақриз ворид гардид. Ҳамаи тақризҳо мусбатанд.

Ба довталаб 10 савол дода шуд. Саволҳо аз ҷониби аъзои зерини шуро пешниҳод гардид: Комилов С.Ҷ., Амонова Д.С., Ҷабборов А., Толибов Қ.Қ., Фақеров Ҳ.Н. ва Аминов И.

**Дар муҳокима иштирок намуданд:** д.и.и., профессор Фақеров Ҳ.Н. ва д.и.и., дотсент Нидоев Н.Ф.

**Ба ҳайати комиссияи ҳисоб интихоб шуданд:** д.и.и., профессор Рауфӣ А. (раис), д.и.и., профессор Комилов С.Ҷ. ва д.и.и., дотсент Аминов И.

***қарор қабул карда шуд:***

1. Диссертатсияи Шарифова Дилором Мустафоқуловна дар мавзӯи “Такмили низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.01-Савдо, хизматрасонии тиҷоратӣ ва маишӣ) ба талаботи муқарраргаштаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ тибқи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамоянд.

3. Ба Шарифова Дилором Мустафоқуловна дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, қарори Шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Шарифова Дилором Мустафоқуловнаро бо дипломи номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз намояд.

**Раиси шурои диссертатсионӣ**
**д.и.и., дотсент** **Шаропов Ф.Р.**

**Котиби илмии шурои**
**диссертатсионӣ, д.и.и., дотсент** **Толибов Қ.Қ.**